## ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар мавзуи «Вижагиҳои гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ). – Душанбе, 2026. – 168 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Рӯзноманигорӣ яке аз соҳаҳои улуми филологӣ буда, дар ин соҳа қонуниятҳо ва тамоюлҳои пайдоиш, ташаккул ва инкишофи васоити ахбори омма, анъанаю ва навгониҳо, методҳо ва жанрҳои асосии публитсистӣ, омилҳои услубӣ, маҳсули эҷоди публитсистон, матнҳо, ороишоту танзим, инкишофи фазои ягонаи иттилоотӣ ва роҳҳои воридшавии рӯзноманигории миллӣ дар қаринаи ҷаҳонии иттилоотӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор мегиранд. Давраҳои инкишофи рӯзноманигории тоҷик ва муттасилии анъанаҳои пешқадам дар он, қонуниятҳо ва тамоюлоти рушди методҳои эҷодӣ дар рӯзноманигорӣ, навъҳои ВАО ва вижагии фаъолияти онҳо аз масоилу соҳаҳои таҳқиқиест, ки дар **бандҳои 1, 7 ва 9-и** шиносномаи ихтисоси илмии 6D050401 – Рӯзноманигорӣ дарҷ гардидаанд. Аз ин рӯ, бо итминон метавон таъкид намуд, ки мавзуи диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ ба **«Соҳаҳои таҳқиқот»-и шиносномаи ихтисоси илмии 6D050401 – Рӯзноманигорӣ комилан мувофиқат менамояд.**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Қонуниятҳо ва омилҳои пайдоишу ташаккули ВАО, таъини анъанаю навгониҳо дар ин самт, методҳо ва жанрҳои асосии публитсистӣ, рушди фазои ягонаи иттилоотии кишвар дар заминаи қаринаи васоити ахбори оммаи ҷаҳонӣ, марҳилаю давраҳои инкишофи рӯзноманигории тоҷик ва накди матолиби ВАО аз зумраи мавзуъҳои мубрами таҳқиқӣ дар соҳаи рӯзноманигорӣ мебошанд. Аз ин лиҳоз, зарурати мавриди омӯзиш қарор додани самту равияҳо ва муайян кардани дурнамою масъалаҳои асосии вижагиҳои гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амри зарурӣ ба назар мерасад.

Диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар мавзуи «Вижагиҳои гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)» кори таҳқиқиест, ки ба омӯзиш ва пажуҳиши масоили дар боло ишорашуда иртибот дошта, дар он назари донишмандон доир ба пайдоиш ва ташаккули низоми нави матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Дар баробари ин, хусусиятҳои амалкарди ВАО, гуногунандешии сиёсӣ дар расонаҳои Тоҷикистон дар роҳи ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ва дар умум, нақши ВАО дар таҳаввул ва таҳкими ҳаёти ҷомеа баррасӣ ва мавриди

пажӯҳиш қарор гирифтааст. Дар зимн метавон гуфт, ки матраҳ шудани масъалаҳои мазкур **аҳаммияти махсуси илмӣ** дорад.

**Навгонии илмии диссертатсияи** довталаби дараҷаи илмӣ дар он арзёбӣ мегардад, ки бори нахуст дар қолаби рисолаи таҳқиқӣ вижагиҳои гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дар солҳои 1991-2020 баррасӣ шуда, ҳамчунин, дурнамо ва масъалаҳои асосии ин самт таъин гардида, ба нуктаҳои марбут ба шароити сиёсию ҳуқуқии низоми муосири матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳифзи моликияти зеҳнӣ, танзими реклама дар ВАО, ташаккули низоми нави матбуоти даврӣ, навгониҳои падидомада дар ин самт ва таъини нақши ВАО дар раванди демократикунонии ҷомеа таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Дар баробари ин, дар диссертатсия равиш ва қобили таваҷҷуҳи таҳлили вижагиҳои гузариши ВАО аз як низом ба низоми дигар муаррифӣ шудааст, ки қобили татбиқ ба давраҳои дигари пайдоиш, ташаккул ва рушди ВАО мебошад.

Сафарализода Абдуҷаббор барои анҷом додани кори таҳқиқиаш дар назди худ мақсаду вазифаҳои мушаххас гузошта, **нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшавандаро** дар 5 банд манзур намудааст. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодгардида муҳтавои фаслу бобҳороро инъикос карда, дар самти шинохту таҳқиқи заминаи қонунгузории фаъолияти ВАО дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, сохтори нави матбуоти даврии тоҷик, равандҳои тағйиротӣ дар низоми васоити ахбори омма ва таъини нақши матбуоти даврӣ дар шароити гуногунандешӣ, озодии сухан ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ аҳаммияти махсуси илмӣ доранд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ** бо он асоснок карда мешавад, ки дар кори диссертатсионии мазкур аз дастовардҳои илмӣ ва осори назарии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ ба ҳадди зарурӣ истифода гардида, маълумоту сарчашмаҳо мушаххасанд. Ҳамчунин, ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳо ва теъдоди интишорот дар мавзуи диссертатсия ба талаботи мавҷуда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос мувофиқат менамоянд. Омӯзиши маводди ВАО-и ватанӣ, осори назарии марбут ба мавзуъ, интихоби дурусти методҳои таҳқиқ ва масъалаҳои дар бобу фаслҳои диссертатсия тарҳрезишуда ба муаллиф имкон додааст, **хулоса ва тавсияҳои** боэътимод бароварда, дурнамои таҳқиқоти равишманди назариву амалиро дар соҳаи рӯзноманигорӣ дуруст муайян намояд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Диссертатсияи тақризшаванда аз муқаддима, 3 боб, 7 фасл, 2 зерфасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт таркиб ёфта, ҳаҷми умумии кор 168 саҳифаи чопи компютериро фаро гирифтааст. Дар фаслу бобҳои диссертатсия шеваи хуби таҳқиқӣ, истинод бар маъхазҳо, муҳокимаю бардоштҳо ва хулосаҳои ҷолиб ба назар мерасанд.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия ҳамаи зербахшҳои зарурӣ тибқи талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ таҳия ва манзур шудаанд.

**Боби якуми** диссертатсия – **««Заминаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии ташаккули низоми нави матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон»** аз се фасл ва ду зерфасл фароҳам омадааст. Дар **фасли аввали боби якум** диссертант ба таҳқиқи масъалаи шароити сиёсию ҳуқуқии ташаккули низоми муосири матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохтааст. Дар ин фасл муҳимтарин шохисаҳое, ки дар сохтори муосири давлатдорӣ, аз ҷумла таъмини озодии сухан, ки аҳаммияти махсус пайдо кара буд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст. Ишора мегардад, ки дар ин марҳила матбуот яке аз воситаҳои асосию қувваи муассири сиёсӣ ва воситаи давлатсозию давлатдорӣ гардид. Ҳамчунин, муаллиф дар ин фасл ба қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва накши он дар рушди низоми нави матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда, дар шароити нав ва замони Истиқлол пайдоиши нашрияҳои ҳизбӣ ва мустақилро низ баррасӣ кардааст.

**Фасли дуюми боби аввал «Ташаккули заминаи қонунгузории низоми матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**-ро дар бар гирифтааст. Зимнан, ин фасл давоми мантиқии заминаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии ташаккули низоми нави матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар ин ду фасл дар такя ба қонунҳои дахлдор ва осори илмии муҳаққиқони соҳа дар баробари ташаккули низоми давлату давлатдорӣ заминаҳои ҳуқуқӣ ва заминаҳои қонунгузории низоми матбуоти даврии кишвар қайд гардидаанд. Воқеан, чунин андешаи диссертант асоси воқеӣ дорад, ки дар солҳои аввали Истиқлол таҳия ва ба тасвиб расидани қонунҳои нав барои амалӣ намудани фаъолияти озоду мустақили матбуот яке аз муҳимтарин масъалаҳост. Аз ин ҷост, ки дар аввал Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар баробари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» дар ин фасл оид ба қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаҳои алоҳидаи марбут ба сухан, дастрасӣ ба иттилоот ва фаъолияти озоди расонаҳо ибрози назар шудааст. Қонунҳо дар самти ҳифзи ҳуқуқи муаллиф, моликияти зеҳнӣ ва танзими фаъолияти реклама дар ВАО аз масъалаҳои дигари матраҳшаванда дар ин фасл аст.

Аз таҳлили заминаҳои қонунгузории матбуот диссертант ба ин натиҷагирӣ расидааст, ки ҳар як санад бо воқеият ва эҳтиёҷоти ҷомеа иртибот дошта, ислоҳоти ҳуқуқӣ, аз як тараф, ба мутобиқсозии қонунҳо бо меъёрҳои байналмилалӣ нигаронида шуда бошанд, аз ҷониби дигар, хусусиятҳои миллиро низ фаро гирифтааст.

Дар **фасли сеюми боби аввал** асосу ҷанбаи муҳимми батанзимдароварандаи фаъолияти матбуоту дигар ВАО – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», ҳамчунин, ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва танзими реклама матраҳ гардидаанд. Ишора мешавад, ки «Ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма», ки соли 1990 қабул гардидааст, солҳои 1992, 1996, 1997, 1999 ва 2002 тағйиру иловаҳо ворид шудааст» (Диссертатсия, с. 53). Қонуни мазкур аввалин санади ҳуқуқие муаррифӣ мегардад, ки дар замони гузариш аз сохтори шуравӣ ба Истиқлол амал карда, озодии сухан ва фаъолияти матбуоти ғайридавлатиро танзим намудааст. Диссертант сабаби ворид гардидани тағйиру иловаҳои баъдиро дар матни қонун норасоиҳои маънидод кардааст, ки ниёз ба ислоҳ ва таҷдиди назар доштанд. Пешниҳодҳои дар ин фасл манзуршуда аҳаммияти махсуси илмӣ дошта, дар таҳриру такмили минбаъдаи қонуни мазкур заминаи мусоид фароҳам меоваранд. Масалан, диссертант қайд мекунад, ки «Дар моддаи 30-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» зарурати ворид намудани ислоҳоти дахлдор ба миён омадааст, ки ҳадафи он тавсеа ва мушаххасгардонии мафҳуми «рӯзноманигор» мебошад»(Диссертатсия, с. 58). Илова бар ин, диссертант бар ин назар аст, ки моддаи 34 низ ниёз ба бознигарӣ дошта, «мувофиқи мантиқ ва меъёрҳои ахлоқии ҳуқуқӣ, мумкин аст ба ин модда ибораҳое чун «шаъну шарафи давлат ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» низ шомил карда шаванд, то сатҳи ҳимояи ҳуқуқии онҳо дар фазои иттилоотӣ таъмин гардад» (Диссертатсия, с. 58).

Дар ин фасл диссертант ба пешинаҳои назарии шаклгирии **ҳифзи моликияти зеҳнӣ ва заминаҳои ҳуқуқии он, ҳамчунин, танзими реклама дар ВАО** таваҷҷуҳи махсус зоҳир намудааст. Дар ҷараёни ҳифзи ҳуқуқҳои муаллифусоҳибони иттилоот ва манфиатҳои иҷтимоии ҷомеа низоми матбуоти миллӣ метавонад, ки ба сифати унсури асосии демократияи иттилоотӣ ва рушди зеҳнии миллат амал намояд. Аз ин ҷост, ки таҳқиқи масоили марбут ба моликияти зеҳнӣ дар заминаи низоми гузариши ВАО аз як шакл ба шакли дигар матраҳ мешавад.

Реклама, ки дар **зерфасли охири фасли сеюми боби аввал** мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор гирифтааст, ҷузъи ҷудонашавандаи ҷаҳони тиҷорати муосир маънидод гардида, қайд карда мешавад, ки «танзими таблиғ дар пешбурди рақобати солим, пешгирии фиреб ва муқаррар кардани меъёру стандартҳое, ки таҷрибаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ масъулиятнокро дар ҷаҳони таблиғ пешбарӣ мекунанд, нақши муҳим дорад» (Диссертатсия, с. 72).

Ҳифзи амнияти иттилоотии истеъмолкунандагон ва танзими меъёрҳои ахлоқӣ дар ҷараёни таблиғ ва реклама аз масоили дигари дар ин фасл матраҳшаванда буда, дар ҳақиқат, аз як тараф, агар журналист ҳамчун субъекти

фаъолият дорои эътибору обрӯй бошад, аз тарафи дигар, дар ҳифзи шаъну эътибори омма муваззаф аст.

Довталабӣ дараҷаи илмӣ дар **боби дуюми** диссертатсия, ки **«Ташаккули низоми нави матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2020»** унвон дорад, ба таъини омилҳои ташаккули низоми нави матбуоти даврӣ пардохта, **фасли аввалро** ба масъалаи **«Оҷонсиҳои иттилоотӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон»** ихтисос додааст. Дар ин фасл мавқеи Агентии миллии иттилоотии «Ховар», Агентии иттилоотии «Азия-Плюс», Агентии иттилоотии «Avesta», Агентии иттилоотии «Факты и комментарии» (ФиК) мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҷойгоҳи ин агентиҳо дар фазои иттилоотии кишвар нишон дода шудааст. Илова бар агентиҳои иттилоотии зикршуда ТВ «Сафина», ки бештар ҳамчун шабакаи телевизионӣ маъруф аст, мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Диссертант ҳадафи худро, яъне дар чанд сатр матраҳ гардидани ТВ «Сафина»-ро бо он асоснок мекунад, ки дар баробари шабакаи телевизионӣ будан хадамоти иттилоотии он низ муҳим мебошад.

**Фасли дуюми боби дуюм** вижагиҳои **амалкарди ВАО ва гуногунандешии сиёсӣ дар расонаҳои Тоҷикистонро** ба таҳлил мекашад. Дар ин бахш диссертант ба чунин хулоса омадааст, ки оҷонсиҳои иттилоотӣ ҳамчун унсури нав ва муҳими низоми ВАО дар давраи Истиқлол нақши калидӣ дошта, имкони паҳнсозии фаврии иттилоот, мутамарказ намудани ҷараёнҳои хабарӣ ва воридшавии Тоҷикистонро ба фазои байналмилалии иттилоотӣ фароҳам овардаанд.

**Боби сеюм – «Нақш ва мақоми ВАО дар раванди демократикунонии ҷомеа»** аз ду фасл иборат мебошад. **Фасли аввали боби сеюм «Нақши ВАО дар таҳаввул ва таҳкими ҳаёти ҷомеа»** номгузорӣ шуда, ба андешаи диссертант «Воситаҳои ахбори омма, ки матбуот, радио, телевизион, агентиҳои иттилоотӣ ва интернетро дар бар мегиранд, яке аз институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад, ки ниёзҳои ҷомеаро ба иттилоот қонеъ мекунанд. Онҳо дар сиёсати муосир нақши муҳим бозида, муоширати мустақими масъулинро бо аҳолӣ таъмин мекунанд ва ба равандҳои сиёсӣ ва афкори ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд» (Диссертатсия, с. 111).

Дар ин фасл дар баробари таъини нақши ВАО дар таҳкими ҳаёти иҷтимоӣ ба аломатҳо ва вазифаҳои ВАО низ таваҷҷуҳ зоҳир гардида, ба шакли мушаххас дар чанд банд нишон дода шудаанд. Ба андешаи диссертант ВАО ҷиҳати таъсир расонидан ба шууру рафтори одамон имкониятҳои густарда дошта, метавонад дар муаррифии арзишҳои миллии умумибашарӣ нақши меҳварӣ дошта бошад. Дар ҳаиқат, «ҳокимияти чорум» муаррифӣ гардидани ВОА асоси воқеӣ ва ҷанбаи амалӣ доштани он аст.

**Фасли дувуми боби сеюм** ба таҳлили **марҳилабандии фазои иттилоотӣ ва матбуоти даврӣ** бахшида шудааст. Дар ин фасл қайд мегардад, ки «Фазои

иттилоотии муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон беш аз ҳарвақта ба фаъолияти рӯзномаҳо ва агентии иттилоотии мустақил такя дорад» (Диссертатсия, с. 111).

Диссертант дар фасли мазкур фазои иттилоотии кишварро ба се марҳила – солҳои 1991-1997, 1997-2010 ва 2010-2020 ҷудо карда, ҳодисаҳои падидомада дар ҳар кадоме аз ин давраҳо ва хусусиятҳои амалкарди ВАО-ро мушаххас намудааст. Маълум мегардад, ки ҳар кадоме аз марҳилаҳои зикршуда дар радифи мушкилоту муаммоҳ комёбию дастовардҳои назаррас низ доштааст. Агар дар марҳилаи аввал новобаста аз авзои сиёсӣ матбуот ба сифати тарғибгари ваҳдат ва ҳифзи Истиқлол муаррифӣ гардад, дар марҳилаи дуюм шароити мусоид барои густариши гуногунандешӣ ва таҳкими ҷомеаи шаҳрвандӣ фароҳам омадааст. Дар марҳилаи сеюм бошад, бо воридшавии технологияҳои рақамӣ ва ҳамгироии иттилоотии ҷаҳонӣ имкониятҳои сифатан нав ҳам барои рушди фаъолияти журналистон ва ҳам сифатан ва моҳиятан дигаргун гардидани ВАО ба вуҷуд омадааст.

Аз таҳлилҳои диссертант метавон чунин натиҷабардорӣ кард, ки ВАО, бахусус, матбуоти даврӣ ба раванди демократикунонии ҷомеаи Тоҷикистон нақши назаррас дошта, дар замони Истиқлол на танҳо инъикосгари равандҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ будааст, балки ҳамчун омили таъсиргузору таъсиррасон дар ташаккул ва таҳаввули шуури ҷамъиятӣ низ мебошад.

**Хулосаи диссертатсияи** Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ фарогири муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, дар 8 банд фароҳам омадааст ва истиноди зарурӣ дар охири ҳар банд ба мақола ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст. Хулосаҳо дар заминаи баррасии мавзуи меҳварӣ ва муҳтавои фаслу бобҳои диссертатсия ба вуҷуд омадаанд.

**Аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ** бо он асос меёбад, ки натиҷаҳои илмии диссертатсияи мазкур дар дараҷаи муайян дар такмили баъзе масъалаҳои назарии марбут ба низоми ташаккул ва рушди ВАО замина мегузорад. Усулу равишҳои таҳлили вижагиҳои гузариши ВАО аз як низом ба низоми дигар, ки дар диссертатсия муаррифӣ гардидааст, дар таҳқиқоти назарияпардозон ва муҳаққиқон, бахусус дар самти омӯзиш ва пажуҳиши хусусиятҳои ВАО бисёр муфид аст. Хулоса ва тавсияҳои муаллифи диссертатсияро ҳамчун асос барои такмили қонунгузории миллӣ дар соҳаи матбуот ва васоити ахбори омма истифода бурдан имкон дорад. Аз тарафи дигар, пешниҳоду тавсияҳо ва хулосаҳои муаллифро метавон дар таҳияи консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ оид ба сиёсати иттилоотии кишвар метавон ба назар гирифт. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқ боиси беҳбуд бахшидан ба фаъолияти журналистон ва созмонҳои ҷамъиятӣ гардида, имкон медиҳад, ки дониши ҳуқуқии ҷомеа дар соҳаи ахбору иттилоот вусъат ёбад.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия **4 мақола** дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва **3 мақолаи дигар** дар маҷмуаи илмию

маводди конференсияҳо ба нашр расонидааст. **Маводди интишоргардида** нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

Диссертатсия, автореферат ва мақолаҳое, ки довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда нашр намудааст, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро гирифта, **талаботи** Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан, Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, Тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ **мувофиқат менамояд.**

Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошанд.

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ дар диссертатсия ва автореферати Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ баъзе норасоиҳо ба мушоҳида расиданд, ки ба хотири пешрафти корҳои илмӣ-таҳқиқии минбаъдаи довталаби дараҷаи илмӣ зикри чанде аз онҳоро зарур медонем:

1. Дар диссертатсия таносуби бобҳо то як андоза риоя нагардидааст. Барои мисол, боби аввал 68 саҳифа, боби дуюм 29 саҳифа ва боби сеюм бошад, 37 саҳифаро дар бар гирифтааст.

2. Ба назари мо, агар фасли сеюми боби якум – «Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма»» бо фасли дуюми ҳамин боб, яъне «Ташаккули заминаи қонунгузории низоми матбуоти даврии Ҷумҳурии Тоҷикистон» муштарак ва ё якҷо карда мешуд, беҳтар буд, чунки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи матбуоти даврӣ ва дигар воситаҳои ахбори омма» ҷузъи таркибии низоми қонунгузории матбуоти даврии кишвар аст.

3. Агар ба ҷойи калимаҳои стандарт (с. 72, 73, 150), коммуникатсия (с. 82), формат (с. 93), мониторинг (с. 112), функсия (с. 112, 113) муодилҳои тоҷикии онҳо истифода мегардиданд, ба мақсад мувофиу буд.

4. Гоҳе ҳадафи ҷумлаҳо норавшан аст ва ғалатҳои услубӣ дида мешаванд. Чунончи, дар боби дуюми диссертатсия омадааст: «...агентҳои байналмилалии таъсиргузор чун Reuters (Бритониё), France Presse (Фаронса), Associated Press (ИМА), ИТАР-ТАСС (Россия), DPA (Олмон), EFE (Испания), Kyodo News (Ҷопон) ва Xinhua (Чин) ба ташаккули рӯзномаи иттилоотии ҷаҳонӣ таъсир мерасонанд» (диссертатсия, с. 84).

5. Дар матни диссертатсия ҳолатҳои афтидан ва изофа шудани ҳарфҳо, ғалатҳои имлоӣ ва гуногуннависӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд (диссертатсия, с. 7, 11, 28, 59, 61, 84, 121, 143).

Қайду эродҳои мазкур арзиши илмии диссертатсия ва аҳаммияти онро дар рӯзноманигории тоҷик коҳиш намедиҳанд. Дар маҷмуъ, диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ ба баррасии мавзуи муҳим ихтисос ёфта,

ҳадаф ва вазифаҳои дар меҳвари пажуҳиш ҷойгирифта дар сатҳи зарурӣ ҳаллу фасл шудаанд. Муҳтавои диссертатсия бо автореферати он, ки бо ду забон: тоҷикӣ ва русӣ таҳия гардидааст, мақолаҳое ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва берун аз он ба чоп расидаанд, мувофиқат дорад.

**Хулоса,** диссертатсияи Сафарализода Абдуҷаббор Сафаралӣ дар мавзуи «Вижагиҳои гузариши ВАО аз низоми шуравӣ ба демократӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: дурнамо ва масъалаҳо (солҳои 1991-2020)» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050400 – Рӯзноманигорӣ (6D050401 – Рӯзноманигорӣ) мебошад.

**Муқаррizi расмӣ:**

доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии
факултети филологияи рус, журналистика ва
медиатехнологияҳои Муассисаи таълимии
байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи
(славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» Муллоев Ш.Б.

«10» июни соли 2026.

Нишонӣ: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, ноҳияи Шоҳмансур,
кӯчаи Зафар, бинои 229, хуҷраи 24.
Тел.: (+992) 93-500-57-50
E-mail: mulloev_sharif@mail.ru

Имзои Муллоев Ш.Б.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳои МБТ Муассисаи таълимии
байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи
(славянӣ) Россия ва Тоҷикистон» Исмоилова М.Н.

Нишонӣ:: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30
Тел.: +992 (37) 221-35-50; +992 (44) 620-42-33
E-mail: nauka-rtsu@rambler.ru

«10» июни соли 2026.